**Рафти иҷрои Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба ичрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2013-2017 дар нимсолаи якуми соли 2016**

Иҷрои банди 18 Нақшаро Агентии омор таъмин намуда, ҳар нимсола аз Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ маълумотро дар бораи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба хориҷи кишвар барои кор мераванд, дар бораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, вобаста ба синну сол ва кишвари сафар аз рӯи варақаҳои сафар ва бозгашти мусофирон, ки аз тарафи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ҷорӣ карда шудаанд, ҷамъоварӣ менамояд. Агентии омор дар моҳҳои июл-августи соли 2016 дар доираи лоиҳаи Рушди омори миллӣ дар солҳои 2015-2018 гузаронидани тадқиқоти қувваҳои кориро ба нақша гирифтааст, ки яке аз масъалаҳои асосӣ ин омӯзиши мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва бозгашти онҳо аз хориҷа мебошад. Тадқиқоти қувваҳои корӣ аз рӯи саволномаи стандартии Созмони Байналмилалии Меҳнат бо назардошти тавсияҳои нав, бо роҳи мутобиқ намудан ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саволномаи таҳиянамудаи коршиносони Хазинаи нуфуси СММ дар якҷоягӣ бо мутахассисони Агентии омор оид ба бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар 4080 хонаводаи интихобгардида дар тамоми ҷумҳурӣ гузаронида хоҳад шуд.

Бо мақсади иҷрои зербандҳои «C» ва «D» банди мазкур мувофиқи нақша кормандони шуъба ва бахшҳои Хадамоти муҳоҷират тибқи ҷадвали тасдиқгардида бо сокинони маҳаллаҳо ва ҷамоатҳои деҳот вохӯриҳоро идома дода истодаанд. Дар ин давра дар маҳаллаҳои шаҳри Хоруғ ва деҳоти ноҳияҳои Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Ванҷ, Дарвоз, Мурғоб ва Рӯшон 110 маротиба вохӯриҳо гузаронида шуда, дар онҳо ҳамагӣ 2241 нафар иштирок намуда, ба онҳо 1342 дона буклет ва дигар маводи иттилоотӣ тақсим карда шуданд. Тавассути воситаи ахбори маҳаллӣ, аз чумла телевизиони Бадахшон 2 маротиба баромади телевизионӣ, дар рӯзномаҳои вилоятии «Бадахшон» 5 мақола, рӯзномаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ 11 мақола, рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират» зиёда аз 10 мақола ба нашр расиданд. Аз тарафи шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва директори маркази машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ дар шаҳри Хоруғ ва водии Бартанги ноҳияи Рӯшон корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ, қоидаҳои будубоши

шаҳрвандон дар Федератсияи Русия ва мавҷуд будани ҷойҳои кории холӣ дар шаҳри Санкт-Петербург ва вилояти Екатеринбурги Федератсияи Русия гузаронида шуданд. Дар вилояти Суғд аз рӯи натиҷаҳои пурсиш 170516 нафар аз вилоят дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дорад, ки дар қиёс бо соли 2015 шумораи онҳо зиёд шудааст.

Вазорати корҳои хориҷӣ иҷрои банди 22 Нақшаро таъмин намуда, иттилоъ дод, ки оид ба ҳар як аризаи шаҳрвандон ё иттилооти дар воситаҳои ахбори омма пайдошуда дар хусуси ҳолатҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои консулии кишвар, ҳуқуқвайронкунӣ дар мақомоти гумрук ва сарҳадии кишвари иқомат санҷиши мушаххас гузаронида, ҷиҳати пешгирии чунин ҳолатҳо чораҳои қатъӣ андешида, ба мақомоти дахлдори кишвар бо ёддошт муроҷиат менамояд ва гуфтушунидҳо мегузаронад. Низоми кори муассисаҳои консулӣ тибқи меъёрҳои идорӣ ҷиҳати пешгирии чунин ҳолатҳои номатлуб ба роҳ монда шудааст. Ҳамаи муассисаҳои консулии воқеъ дар хориҷи кишвар бо техника ва таҷҳизоти компютерии муосир таҷҳизонида шуда, хизматрасониҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ бо истифода аз технологияҳои муосири коммуникатсионию иттилоотӣ расонида мешавад. Аз ҷумла, хадамоти консулӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия таҷдид ва муҷаҳҳаз гардонида шуда, дар он системаи назорат ва мушоҳидаи компютерӣ (барои пешгирии амалҳои коррупсионӣ), интернети дорои суръати баланд (барои қабули аризаҳо дар шакли электронӣ), таҷҳизоти факсимилӣ барои дастрасии фаврии маълумоти «шакли 1» (бо мақсади тезонидани барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият), блоки хазинавӣ, «таҷҳизоти қабули ҶДММ Технолоҷи» (ҷиҳати риояи тартиби қабули шаҳрвандон), принтери этикет, этикет-лента, терминали маҷмӯи мавод, таҷҳизоти техникии хазинадорӣ ва ғайра гузошта шудаанд.

Хадамоти консулии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия оид ба муҳоҷирати шаҳрвандон ҳуҷҷатҳои дархостшавандаро фаврӣ ва дар сатҳи дахлдор таҳия менамояд. Тартибу низоми гирифтани ҳуҷҷатҳои мухталифи консулӣ, муҳлати иҷро ва нархномаҳои он шаффоф буда, дар торнамоҳои расмии Сафорат ва муассисаҳои консулӣ ҳам дар шакли электронӣ ва ҳам чопӣ барои тамоми ниёзмандон дастрас мебошанд. Ҳамкорӣ бо ҳамаи мақомоти дахлдори кишвари иқомат - ниҳодҳои консулӣ, вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, мақомоти муҳоҷират ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Сафорат ва консулгариҳо ҷиҳати дар байни ҳамватанон ва муҳоҷирони меҳнатӣ паҳн кардани китобчаҳои иттилоотӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқу уҳдадориҳои муҳоҷирон чора андешида, тавассути

марказҳои ёрирасон, телефонҳои боварӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ, торнамоҳои интернет, васоити ахбори омма барои вокуниши фаврӣ ба ҳолатҳои ҳуқуқпоймолкунӣ муосидат менамоянд.

Ҷиҳати иҷрои зербандҳои «E», «F», «G» ва «H» банди мазкур аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Хадамоти гумрук дар тамоми гузаргоҳҳои ҳавоӣ, роҳи автомобилӣ, обӣ ва роҳи оҳани ҷумҳурӣ қоидаҳои гузаштан аз сарҳад бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва хати форсӣ, инчунин навиштаҷот бо дарҷи телефонҳои боварӣ насб кардаанд, ки дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон онҳо метавонанд фавран ба шахсони салоҳиятдор муроҷиат намоянд. Барои таъмини назорат дар ҳамаи минтақаҳои назорати гумрукии гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ камераҳои мушоҳидавии сабткунандаи шабонарӯзӣ васл карда шуданд.

Иҷрои зербанди «б» банди  24 Нақша аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ таъмин гардида, дастурамал барои кормандони сафорату муассисаҳои консулӣ вобаста ба баррасии арзу шикоят ва муроҷиати муҳоҷирони меҳнатӣ таҳия шуда, кормандон ҷиҳати риояи он вазифадор гардидаанд. Вазорат ҳар сол кори ҳар як кормандро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, баҳогузории тамоми кормандони сафорату муассисаҳои консулиро анҷом медиҳад.

Оид ба иҷрои зербанди «в» банди мазкур Вазорати корҳои хориҷӣ иттилоъ дод, ки сафорат ва консулгариҳо ҷиҳати вусъат додани ҳамкориҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои асосии ҷойи кори муҳоҷирони меҳнатии тоҷик бо мақсади таъмини боэътимоди ҳифзи шаҳрвандон ва таъмини назорати самараноки ҳолати муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва аъзои оилаи онҳо, ки дар ҷойҳои маҳдуд намудан аз озодӣ қарор доранд, пайваста кор мебарад. Вохӯриҳои Хадамоти консулии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия бо мақомоти кишвари иқомат мунтазам доир гардида, зимни онҳо масъалаҳои идомаи таҳсили шаҳрвандони аз ҳудуди Русия берункардашуда ва дигар ташкилоти марбут ба донишҷӯён мавриди муҳокима қарор мегиранд.

Иҷрои зербанди «г» банди 24 Нақшаи мазкурро Вазорати корҳои хориҷӣ таъмин намуда, сафорат ва консулгариҳо ҷиҳати расонидани кумаки ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон бо созмонҳои байналмилалӣ, мақомоти дахлдори кишвари иқомат, ширкату муассиса ва ҷамъияту иттиҳодияҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ҳамкориҳои густурда ва зичро ба роҳ монда, дар мурофиаҳои судии шаҳрвандони Тоҷикистон (муҳоҷирони меҳнатӣ) иштирок карда, бо муфаттишон ва шаҳрвандон дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ мулоқот доир менамоянд.

Сафорат ва консулгариҳо мунтазам оид ба мушкилиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ вобаста ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузорӣ, дастгиршавӣ, хориҷкунӣ, ҳабс, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, поймол намудани ҳуқуқ, зарар аз ҳодисаҳои фавқулода, гум кардани наздикону хешовандон, дархости иштирок дар мурофиаи судӣ ва ғайра ҷиҳати ҳалли масъалаҳо дар доираи ваколат ва имкониятҳои мавҷуда кор мебаранд.

Дар назди Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти намояндагиҳои расмии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Русия фаъолият менамояд, ки аз ҷумла масъалаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон яке аз самтҳои асосии фаъолияти он маҳсуб меёбад. Барои дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва доир намудани чорабиниҳои фарҳангиву сиёсӣ аз ҳисоби соҳибкорон, корхонаҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ фонд таъсис дода шудааст. Дар ин замина ҷиҳати баргардонидани кӯдакони ноболиғ ба Ватан ва расонидани кумакҳои фаврӣ мунтазам чораҳо андешида мешаванд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иҷрои зербанди «D»-и банди мазкурро таъмин намуда, механизми ҳамкориро бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Федератсияи Русия, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилоятҳои Свердловск, Самара, Оренбург, шаҳри Санкт-Петербург ва Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Русия тавассути созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро низ дар бар мегирад, ба роҳ мондааст. Таҳлили рафти иҷрои созишномаҳои мазкур нишон медиҳад, ки барои дар амал татбиқ намудани муқаррароти онҳо ягон мушкилоти ҷиддие ҷой надорад. Айни ҳол бо ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони зикргардида ҳамкориҳои амалӣ барои таъмини дастрасии муҳоҷирони меҳнатӣ ба воситаҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо тавсеа дода шуда, иттилооти зарурӣ дар самти сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дастраси якдигар мегардад ва тавассути ҳамдигар тадбирҳои зарурӣ бо сохторҳои давлатӣ андешида мешавад. Ба ғайр аз ин, дар чорабиниҳои якҷояи ваколатдори ҳуқуқи инсони тарафҳо барои иштироки фаъолонаи ташкилотҳои ғайридавлатии дар ин самт фаъолиятбарандаи тарафҳо мусоидат карда мешавад.

Вобаста ба иҷрои банди 28 Нақша оид ба баррасии имкониятҳои аз нав дида баромадани қонунгузории миллӣ нисбат ба маҳдудиятҳо ҷиҳати бадастории молу мулк аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати адлия иттилоъ дод, ки масъалаи мазкур аз тарафи гурӯҳи корие, ки ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» машғул аст, мавриди баррасӣ қарор дорад.

Низоми ёрии ҳуқуқии ройгон, ки табақаҳои камбизоати аҳолиро пурра ё қисман аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ таъмин менамояд, ҳоло дар зинаи ташаккул қарор дорад (банди 30 Нақша). Тибқи таҳлилҳои Вазорати адлия дар Тоҷикистон ба аҳолӣ ёрии ҳуқуқии ройгон расонида мешавад, аммо он ба такмил эҳтиёҷ дорад. Мақомоти давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми мурочиат иттилооти ҳуқуқӣ пешниҳод менамоянд, дар минтақаҳо қабулгоҳҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳалҳо фаъолият мекунанд, ба ниёзмандон ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа мерасонанд. Ғайр аз ин, лоиҳаҳои мухталиф доир ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба аҳолии камбизоат тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби ташкилотҳои кумакрасони байналмилалӣ амалӣ гардонида мешаванд. Ҳамзамон дар Вазорати адлия хатти телефонии 3040 вобаста ба ёрии ҳуқуқии ройгон амал менамояд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон , аз он ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ аз он истифода мебаранд.

Вазорати корҳои хориҷӣ оид ба иҷрои банди 34 Нақша иттилоъ дод, ки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва низоми муҳоҷират бо кишварҳои ИДМ тавассути созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба танзим меёбанд. Аз ҷумла, бо Федератсияи Русия дар ин соҳа 5 созишнома баста шуда, дутои он дар соли 2014 эътибор пайдо карда, мавриди амал қарор дорад:

- Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар соҳаи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ва шаҳрвандони Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Созишнома тамдиди муҳлати бақайдгирии муҳоҷиронро дар ҳудуди якдигар то 15 рӯз пешбинӣ менамояд;
- Протокол дар бораи ворид кардани тағйиру илова ба Созишнома аз 16 октябри соли 2004 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федаратсияи Русия дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар ҳудуди якдигар. Ҳуҷҷат иҷозати корро барои муҳоҷирони меҳнатӣ то се сол, инчунин зарурат надоштани баромадани муҳоҷирро аз ҳудуди он давлат дар муҳлати шартнома пешбинӣ менамояд.

Оид ба банди 38 Нақша Вазорати корҳои хориҷӣ иттилоъ дод, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон – муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар яке аз масъалаҳои асосии самти фаъолияти ниҳодҳои дахлдори хориҷии Вазорат мебошад. Ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқ, дастгир ва ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашидани шаҳрвандони Тоҷикистон, хусусан дар Федератсияи Русия ҷой доранд. Вобаста ба ҳар як мурочиати шаҳрвандон оид ба чунин ҳолатҳо ҷониби

Тоҷикистон бо мақомоти дахлдори Федератсияи Русия ҷиҳати баррасии воқеъбинонаи қазияҳои шаҳрвандон корҳои муайянро анҷом медиҳад. Дар чунин ҳолатҳо шаҳрвандон дар асоси дархости Сафорат ва бо кумаки намояндагии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират бо адвокат таъмин карда мешаванд.

Вазорати корҳои хориҷӣ иҷрои банди 42 Нақшаро таъмин намуда, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тавсеа ва таҳкими ниҳодҳои худ дар хориҷи кишвар мунтазам корҳоро идома медиҳад. Вазорат ҳарчи зудтар кушодани муассисаҳои консулии Тоҷикистон дар шаҳрҳои дорои теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ (Санкт-Петербург, Новосибирск, кишвари Краснодар ва ғайра)-ро мувофиқи мақсад мешуморад. Иқдоми мазкур ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ, аз байн бурдани хизмати миёнаравҳо ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии консулӣ имконияти бештар фароҳам меорад.

Бо мақсади иҷрои банди 44 Нақша вобаста ба назорати қатъии агентиҳои хусусии кироя, ки ба ҳолатҳои ба кор маҷбуркунии муҳоҷирони меҳнатӣ ё ҳолати ғуломӣ дар кишварҳои ҷойи кор гунаҳгор мебошанд ва таъқиби судии кормандони дахлдори ин агентиҳо вобаста ба гунаҳгор буданашон дар хариду фурӯши одамон, инчунин омӯзонидани судяҳо оид ба масъалаҳои мубориза бо хариду фурӯши одамон дар давоми солҳои 2013-2015 Маркази таълимии судяҳо бо дастгирии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират семинар-тренингҳо дар мавзӯъҳои «Масъалаҳои муқовимат ба хариду фурӯши одамон», «Савдои одам ҳамчун ҷинояти трансмиллӣ ва таъқиби ҷиноятии он» бо ҷалби судяҳои судҳои шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, судҳои вилоятҳои Хатлон, Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баргузор намуд. Дар онҳо масоили таҷрибаи баррасии парвандаҳо вобаста ба хариду фурӯши инсон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд, ҷавобгарии ҷиноятӣ, таъини ҷазо, мусодираи молу мулк, қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ вобаста ба мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон, хусусиятҳои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва татбиқи қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2011, №12 «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон» дар доираи 68 соати академӣ муҳокима карда шуд.

Доир ба банди 46 Нақша дар хусуси интиқоли (репатриатсияи) ҷасади муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки дар кишвари ҷойи кор фавтидаанд, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

иттилоъ дод, ки заминаи ҳуқуқии он дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ» дар таҳрири нав пешбинӣ гардидааст.